Ҳар касе монанди ин таҳорати ман таҳорат кард ва ду ракаъат намоз хонд ва дар онҳо бо худ сухан нагуфт, гуноҳони гузаштааш бахшида хоҳад шуд

Аз Ҳумрон мавлои Усмон ибни Аффон (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки ӯ Усмон ибни Аффонро дид, дархости оби вузӯ кард, сипас аз оби он зарф бар рӯйи дастонаш рехт ва се бор онҳоро шуст, сипас дасти росташро дар даруни оби вузӯ дохил карда мазмаза (обгардон кардани даҳон) ва истиншоқ (дохил кардани об дар бини) ва истинсор (берун овардани об аз бини) кард, сипас рӯяшро се бор шуст ва дастонашро то ориҷ се бор шуст, сипас сарашро масҳ кард ва баъд аз он ҳарду пояшро семаротибаӣ шуст. Сипас фармуд: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дидам, монанди ин таҳорати ман таҳорат карданд ва фармуданд: "Ҳар касе монанди ин таҳорати ман таҳорат кард ва ду ракаъат намоз хонд ва дар онҳо бо худ сухан нагуфт, гуноҳони гузаштааш бахшида хоҳад шуд".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Усмон (разияллоҳу анҳу) ба тариқи амалӣ моҳияти таҳорати Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро таълим додааст, то ин ки возеҳтару равшантар бошад. Ӯ зарфи об хост ва се бор ба дастонаш об рехт, баъд аз он дасти росташро ба коса андохта аз он об гирифт ва дар даҳонаш андохта даҳонашро обгардон карда обро берун андохт, сипас обро ба даруни биниаш фурӯ бурда ва боз берун рехт, сипас рӯяшро се бор шуст ва баъд аз он дастонашро то оринҷ се бор шуст, сипас дастони тари худро якбор бар сараш кашид ва масҳ кард ва дар охир пойҳояшро то буҷулак се бор шуст. Ҳангоме ки таҳорааташро ба охир расонид, ба онҳо гуфт, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дидааст, ки чунин таҳорат карданд ва ононро башорат доданд, ки ҳар кас монанди ин таҳорат кунад ва бо дили ҳозир ва хошеъона дар баробари Аллоҳ ду ракаъат намоз гузорад, Аллоҳ барои ин таҳорати комил ва намози холисонааш гуноҳони гузаштаи ӯро меомурзад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3313